# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ - доктори илмҳои таърих Қ. Д. Собирова ба диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри ХХ - ибтидои асри XXI » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ).**

Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи « Қубодиён дар асри ХХ - ибтидои асри XXI » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба мавзуи « Қубодиён дар асри ХХ - ибтидои асри XXI» таҳқиқоти диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Диссертант дар заминаи таҳқиқоти фарогир масоили муқоиса намудани ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолии Қубодиён дар се давраи таърихӣ: пешазинқилобӣ, Шуравӣ ва замони Истиқлол мубрамият, муҳиммияти илмӣ – таърихии ин мавзуъро исбот менамояд, ки дар даврони истиқлол дар шакли муназзам ва дар доираи методологияи таърихият ва муқоисавӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Масъалаҳои мазкур бо истифода аз сарчашмаҳо, адабиёти муосир ва таҳқиқоти марбут ба таърихи Қубодиён дар асрҳои ХХ – ибтидои XXI, ки аз нигоҳи даврабандии таърихӣ се давраро - дар таркиби Бухорои Шарқӣ, Тоҷикистони Шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар бар мегирад, баррасӣ карда мешавад.

**Навгонии илмии диссертатсия** оид ба таърихи бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри ХХ, инъикос намудани сохтори маъмурии он, муайян намудани вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии минтақа, аз ҷумла соҳаи

кишоварзӣ, чорводорӣ ва иқтисоду иҷтимоиёти бекигарӣ, масъалаҳои вазъи ҳунармандӣ, низоми андоз ва мақоми фарҳангро низ дар бекигарии Қубодиён ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ таҳлили ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI мебошад. Дар таҳқиқот сохтори маъмурӣ, шароити маданӣ-маишии мардум, касбу кор, ҳунармандӣ, низоми андоз ва мақоми илму фарҳанги Қубодиён ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок муайян шудааст.

**Объекти диссертатсия** ин осори илмии муҳаққиқони ватанӣ, хориҷӣ ва дигар сарчашмаю тадқиқотҳои ба мавзуи мазкур дахлдошта мебошад.

**Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ** аз омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI бо истифода аз сарчашма ва адабиёти илмии марбут ба масъала мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** ба маълумоти дақиқи сарчашмаҳои расмӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи таҳлили илмӣ хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳаммияти он** аз он иборат аст, ки ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, ташхиси мубрамии кор, мақсади таҳқиқ ва амалӣ намудани вазифаҳои диссертатсия бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтаанд. Дар баробари ин, унвонҷӯ чанд хулоса ва тавсияи амалӣ пешниҳод ва вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

**Аҳаммияти илмию амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** диссертатсионии Зубайдуллозода С. Х. дар он ифода меёбад, ки нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи илмӣ-амалӣ ва

назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла дар конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» дар шакли маъруза ироа шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳо оид ба таърихи халқи тоҷик, дастурҳои методӣ ва таълимӣ, тартибдиҳии курсҳои махсус доир ба таърихи минтақаҳои Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Баъзе маводи рисола аз тарафи донишҷӯёну магистрон ва дигар муҳаққиқони соҳаи таърих метавонанд истифода шаванд.

**Сохтори диссертатсия.** Он аз муқаддима, чаҳор боб, нуҳ зербоб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ асоснок гардида, дараҷаи коркард, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он таъкид мешавад, инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ шудааст.

Боби якуми диссертатсия « **Бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX»** ном дорад, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум « **Шарҳи мухтасари таърихӣ – ҷуғрофии бекигарии Қубодиён»** ном дошта, дар он оид ба таърих ва ҷуғрофияи Қубодиён маълумот дода мешавад. Аз ҷиҳати ҳудуд ва нуфуси аҳолӣ бекигарии Қубодиён нисбат ба дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ хурд буд. Диссертант менависад, ки сохтори маъмурии бекигарӣ аз ҳукумати аморат зич вобаста буд. Мансабдорони бекигарӣ аз тарафи онҳо таъин мешуданд, ба халқи мазлум таҳдиду фишорҳои зиёд ва андозҳои бешумор ҷорӣ мегардид, ки қисман маҷбур гардидаанд, ки қаламрави онро тарк намоянд.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Ҳаёти ичтимоӣ-иктисодӣ ва фарҳангии бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX»** масоили ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии бекигарии Қубодиён мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ дар боби аввал ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки андози мураттаб сохтаи ҳукумати аморат, ки дар бекигарии Қубодиён ҷорӣ карда буд, аз дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ фарқ надошт. Ҳамин тавр, то барқарор кардани Ҳокимияти Шӯравӣ дар бекигарии Қубодиён ҳатто ягон нуқтаи табобатӣ вуҷуд надошт, инчунин бо сабаби бад будани шароити зиндагӣ ҳолатҳои санитарӣ ниҳоят бад буд.

Боби дуюми диссертатсия **«Барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва дигаргунихои иқтисодӣ ва маданӣ-маишӣ дар солҳои 20-40-уми асри XX »** аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби мазкур **«Ташкилёбии сохтори идории Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Қубодиён»** буда, дар он барқароршавии сохтори идории Шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант қайд мекунад, ки дар Анҷумани I Шӯроҳои Умумибухорои ба масъалаҳои мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ ва ёрӣ ба деҳқонони дар ҷанги шаҳрвандӣ хонахаробгардида диққати калон дода шуд. Мувофиқи қарори Анҷумани I Шӯроҳои Умумибухороӣ дар ноҳияи Қубодиён низ як қатор корҳои фаҳмондадиҳӣ ва кумакҳо ба деҳқонони дар ҷанг зарардида расонида шуд. Ҳамин тавр, дар солҳои аввали ташкил ёфтани ноҳияи Қубодиён дар рушди илму маориф ва фарҳанг як қатор пешравиҳо, аз қабили сохтмони аввалин бинои шуъбаи маориф, сохтмони аввалин мактабҳо, маҳви бесаводӣ, тадриҷан саводнок шудани аҳолӣ воқеан, ба назар мерасид. Ҳамаи ин ба масъалаи ташкили хоҷагиҳои коллективии деҳқонон ва ривоҷ гирифтани иқтисодиёт такони ҷиддӣ бахшид.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Қубодиён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ»** ном дошта, муаллиф ҳаёти меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва давраи азнавбарқароркунии хоҷагии қишлоқро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Диссертант менависад, ки дар лаҳзаҳои аввали ҷанг бошандагони ноҳияи Қубодиён низ беш аз 2700 нафар фарзандони хешро барои ҳимояи Ватани азиз ба ҷанг сафарбар намуданд. Мушкилии кори хоҷагиро занҳо бар дӯши худ гирифтанд. Дар як муддати кӯтоҳ дар маркази ноҳияи Қубодиён курсҳои кӯҳтоҳмуддати омӯзиши техникӣ, ронандагии трактору мошин ташкил ёфтанд, ки дар як сол беш аз 200 нафар занону духтарон касб омӯхта, паси чанбараки трактор ва мошинҳо нишаста, дар пешравии кори колхозу совхозҳои ноҳия ва фиристодани озуқа ба фронт саҳм гузоштанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Ноҳияи Қубодиён дар нимаи дуюми асри XX»** ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Рушди соҳаҳои агросаноатии ноҳияи Қубодиён»** вазъи тараққиёти соҳаи агросаноатии ноҳия дар давраи мазкур таҳлил гардидааст. Диссертант менависад, ки ҳаёти маишии аҳолии ноҳияи Қубодиён рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар давоми солҳои 1986-1988 6684 метри кв. хонаҳои истиқоматӣ, 5 нуқтаи хизматрасонии маишӣ, 9 нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, 1 маркази саломатӣ барои 50 ҷои қабул ва 2 беморхона васеъ гардонда шуд. Дар замони Шуравӣ ба корҳои ташвиқотӣ диққати ҷиддӣ медоданд. Бинобар ҳамин, муассисаҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ, ба монанди клубҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо, нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ ва ғайраҳо сол аз сол дар ноҳияи Қубодиён зиёд мегардиданд. Деҳае набуд, ки он клуб, китобхона ва нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ надошта бошад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм, ки **«Ҳаёти иҷтимоӣ – фарҳангии ноҳия»** унвон гирифтааст, вазъи рушди ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ноҳияи

Қубодиён дар солҳои 50-80-ум баррасӣ гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки Ҳукумати Шуравӣ барои некуаҳволии халқ маблағҳои калон ҷудо мекард. Дар соли 1963 29 нафар духтурон ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонданд, ки ин назар ба соли 1959 1,5 баробар зиёд буд. Дар давраи сохтмони сотсиалистӣ ҳаёти маишии аҳолии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 50-80-уми асри XX рӯ ба беҳбудӣ оварда, марказҳои тиббӣ зиёд гардида, ёрии тиббии касбӣ ва бепул ба аҳолӣ ба роҳ монда шуд. Симои ноҳия низ ба куллӣ тағйир ёфт.

Боби чоруми диссертатсия **«Ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолӣ»** аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби аввали боби чоруми диссертатсия **«Дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ноҳия дар шароити душвори ҳарбӣ-сиёсии охири асри XX – ибтидои асри XXI»** номгузорӣ шуда, диссертант дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияро дар замони Истиқлол таҳқиқ намудааст. Муаллиф нигоштааст, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҷанги бародаркушӣ дар Тоҷикистон оғоз ёфта, хатари аз даст рафтани истиқлолиятро ба миён овард. Аммо ба ин вазъи вазнин нигоҳ накарда, дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати рушди соҳаи саноат диққати махсус дода, моҳи октябри соли 1996 дар ноҳияи Қубодиён заводи пахтатозакунии ба номи Носири Хусрав кушода шуд. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2005 63391 сомонӣ, дар соли 2006 67828 сомониро ташкил медод. Шумораи умумии лоиҳаҳои Барнома аз 158 адад иборат буда, арзиши умумии он 126 млн. 429 ҳазор сомониро ташкил мекунад.

Дар зербоби дуюми боби чорум **«Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар шароити нави иқтисоди бозорӣ»** вазъи рушди соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия дар замони Истиқлол таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи Қубодиён дар замони Истиқлол ҳам соҳаи муҳимтарини истеҳсолот ба ҳисоб рафта, соли 1991 меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён дар назди худ

нақшаҳои навро ба миён гузошта, майдони кишти зироатҳоро дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 16984 гектар расониданд. Кишоварзони ноҳияи Қубодиён бо мақсади афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ соли 2005 23415 тонна ғалладона, 13763 тонна пахта, картошка 6712 тонна, сабзавот 20857 тонна, полезиҳо 15342 тонна, меваҷот 1043 тонна, ангур 2041 тонна истеҳсол карда шуд.

Рушди соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла қарокулпарварӣ яке аз воситаҳои асосии истеҳсоли маводи ғизоию ашёи хоми саноатист. Соли 2007 саршумори чорвои калон 33971 сар, чорвои майда 69451 сар, асп 1252 сар, мурғ 71665 сарро ташкил медод.

Зербоби сеюми боби чорум **«Муассисаҳои маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён дар ибтидои асри XX»** ном дошта, дар он фаъолияти муассисаҳои маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён таҳлил гардидааст.

Диссертант менависад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилиҳои ҷойдоштаи замони ҷанг нигоҳ накарда, барои рушд додан ва мустаҳкам кардани заминаҳои ҳуқуқии соҳаи маориф диққати махсус медод. Бо ҳамин мақсад, моҳи декабри соли 1993 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи маориф»-ро қабул намуд. Дар соли хониши 2009-2010 нисбат ба соли хониши 2008-2009 шумораи хонандагон зиёд гардида, аз 36466 нафар ба 36872 нафар расид. Ҳамин тариқ, дар аввали солҳои Истиқлолият ба камбудию норасоиҳо нигоҳ накарда, муассисаҳои фарҳангӣ дар баланд бардоштани маданияту маърифати аҳолӣ саҳм гузоштанд.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлолият ба диёри ободтарини ҷумҳурӣ ва яке аз ноҳияҳои пешрафта табдил ёфтааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯ дар таърихнигории ватанӣ

бори нахуст оид ба мавзуи мазкур дар шакли том таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати дарки масъала ва таҳқиқи минбаъдаи он аҳаммияти калон доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи комиссия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд. Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI» мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда интишор намудааст. Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо далелҳои зарурӣ ва хулосаҳои илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд, номи мавзуъ «Ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании Қубодиён дар асри XX - ибтидои асри XXI» номгузорӣ мешуд.

2. Агар масъалаи омӯзиши бекигарии Қубодиён дар асри XX ва асоснок намудани ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании он дар шакли таҳлили муқоисавӣ бо бекигарии Бухорои Шарқӣ ва бахусус, бо бекигарии Кӯлоб ҳамбастагӣ пайдо менамуд, барои ба даст овардани натиҷа ва хулосаи мушаххаси таҳқиқот боз ҳам беҳтар мусоидат менамуд.

3. Дар боби чорум, ки ба замони соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст, хуб мешуд дар баробари муваффақиятҳо оид ба саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳалли масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании Қубодиён, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ дар ҷалби сармояи хориҷӣ дар барқарор кардани иқтисодиёти баъдиҷангӣ ва инчунин, пешниҳодҳои худро барои рушди ояндаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании Қубодиён мекардед, фикр мекунам, ки бамаврид ва саривақтӣ мебуд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат камбудиҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои мазкур, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба мазмун ва мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Хулоса.** коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. ҳамин тариқ, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Зубайдуллозода С. Х. дар мавзуи « Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI » ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собирова Қ.Д.

Имзои Собирова Қ.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992 37) 22-77-11
E-mail: info@tnu.tj

«15» «12» соли 2025